# ПРОТОКОЛИ №1
## ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D. КОА-088
## назди Донишгоҳи давлатии Данғара

аз 06 - уми марти соли 2025 н. Данғара

Дар ҷаласа иштирок доштанд:
аз 11 нафар аъзои Шуро 11 нафар

**Раиси шуро:** Саидҷаъфаров Озод Шовалиевич
Дар ҷаласаи имрӯза аз 11 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 январи соли 2025, №34/шд ба ҳайати Шуро ворид шудааст, 11 нафар иштирок доранд, ки аз инҳо 5 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсия мебошанд.
Оид ба кори ҷаласаи шурои диссертатсионӣ чӣ пешниҳодҳо доред?
Пешниҳод гардид, ки кори Шуро оғоз карда шавад. Касе, ки ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям мавқеи худро нишон муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба экспертизаи аввалия қабул намудани диссертатсияи **Мираҳмадзода Мунавваршоҳ Мираҳмад** дар мавзуи "Вижагиҳои ғоявӣ ва услубии руҷуъҳои лирикӣ дар адабиёти бадеӣ (дар мисоли осори устод Айнӣ)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501– Адабиёти тоҷик).

**Баромад намуданд:** раиси Шурои диссертатсионӣ, д.и.ф., профессор Саидҷаъфаров Озод Шовалиевич, котиби илмии шуро Шаробова Маҳбуба Қурбонмуродовна ва аъзои шуро Асозода Ҳотам Раҷаб, Ғаффорзода Шоҳрух Ҳабибулло.

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Мираҳмадзода Мунавваршоҳ Мираҳмад дар мавзуи "Вижагиҳои ғоявӣ ва услубии руҷуъҳои лирикӣ дар адабиёти бадеӣ (дар мисоли осори устод Айнӣ)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501– Адабиёти тоҷик) ба экспертизаи аввалия қабул карда шавад.
2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин таъйин карда шавад:

– **Асозода Ҳотам Раҷаб -** доктори илмҳои филологӣ, дотсент, узви шуро, раиси комиссияи ташхис;

– **Ғафforзода Шоҳрух Ҳабибулло** - доктори илмҳои филологӣ, дотсент, узви шуро, узви комиссияи ташхис;

– **Давлатов Умаралӣ Мирзоалиевич -** номзади илмҳои филологӣ, дотсент, узви комиссияи ташхис.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 11 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. **Якдилона ҷонибдорӣ гардид.**

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филологӣ — Саидҷаъфаров О.Ш.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ — Шаробова М.Қ.